# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Аҳмадзода Комрон Наҷбуддин дар мавзуи «Расул Ҳодизода – муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) пешниҳод шудааст.**

Дар раванди инкишофи ҷараёни адабиву илмии садаи бистуми тоҷик шахсиятҳое таъсиргузор будаанд, ки ҳам ба таҳқиқи масъалаҳои муҳимми ҳаёти адабӣ даст задаанд ва ҳамзамон, ба кори нависандагии худ дар рушди насри муосири тоҷик саҳм гузоштаанд. Яке аз чунин шахсиятҳо муҳаққиқи таърихи адабиёти гузаштаву муосир ва нависанда Расул Ҳодизода мебошад, ки дар пешрафти ҳар ду соҳа саҳми назаррас гузоштааст. Аз ҳамин хотир, ҷиҳати омода намудани диссертатсияи номзадӣ Аҳмадзода Комрон Наҷбуддин мавзуи «Расул Ҳодизода – муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик»-ро интихоб кард.

Ҳамин тавр, таҳқиқ ва тарзу тариқи ҷустуҷӯҳои илмӣ ва бадеии адабиётшинос ва нависанда Расул Ҳодизода, равиши ташаккули маҳорати илмию адабӣ, махсусиятҳои назариву амалии таҳқиқоти илмӣ ва гуногунрангии жанриву хусусиятҳои бадеии осори ӯ аз мубрамияти мавзуи омӯзиши монографӣ буда, дар ин замина муайян ва мушаххас намудани нақш ва ҷойгоҳи ин донишманду нависанда дар ташаккул ва таҳаввули илми адабиётшиносӣ ва насри бадеии тоҷикӣ ва ошкор намудани хусусиятҳои фардии эҷодиёти ӯ дар контексти ҷараёни адабии солҳои фаъолияташ муҳим ба назар мерасад. Илова бар ин, таҳқиқи ҳамаҷонибаи масъалаҳои ёдшуда, барои шинохт ва арзёбии ҷараёни инкишофи илми адабиётшиносӣ, нақди адабӣ, назария ва амалияи он низ алоқаи бевосита дошта, зарурати таҳқиқи мавзуъро таъкид ва таъйид менамояд.

Омӯзиши ҳамаҷонибаи зиндагинома ва осори бадеии Расул Ҳодизода дар адабиётшиносии тоҷик аз охири солҳои панҷоҳуми садаи бист то солҳои охир ҷустуҷӯҳои илмӣ ва бадеии Расул Ҳодизода муттасил мавриди таваҷҷуҳи донишмандони соҳа ва алоқамандони адабиёт қарор гирифта, дар бораи осори илмӣ ва бадеии ӯ як силсила мақолаву гузоришҳо ба табъ расидаанд. Дар ин замина, аз аввалинҳо шуда Н. Маъсумӣ, А. Афсаҳзод, У. Каримов, М. Муллоаҳмадов, М. Шукуров (М. Шакурӣ), С. Улуғзода, М. Муллоҷонов, Ҷ. Бақозода, А. Сайфуллоев, В. Самад ва дигарон дар мақолаҳои худ ҷустуҷӯҳои илмию адабии ӯро нақд ва арзёбӣ кардаанд, ки дар шинохти фаъолияти илмиву адабии Расул Ҳодизода муҳим ва арзишманд ба шумор меравconfigured.

Ҳамин тариқ, таҳқиқи аҳвол ва фаъолияти илмию нависандагии Расул Ҳодизода то ҷое маҳдуд буда, ҳанӯз равиши асосии ҷустуҷӯҳои илмию адабии ӯ ба таври мушаххас мавриди таҳқиқ ва арзёбӣ қарор нагирифтааст. Бо назардошти вазъи таҳқиқи масъалаи мавриди назар, муаллифи диссертатсия кӯшиш намудааст, ки аҳволу осор ва ҷустуҷӯҳои илмию адабии муҳаққиқ, муаррих ва нависанда Расул Ҳодизодаро ба таври ҷомеъ мавриди таҳқиқ ва арзёбии монографӣ қарор дода ва ба ин васила, саҳми ӯро дар инкишофи илми адабиётшиносӣ ва насри бадеии таърихии тоҷик муайян ва мушаххас созад.

Ҳамин тавр, пажуҳиш равшан месозад, ки таҳқиқи аҳвол ва фаъолияти илмию нависандагии Расул Ҳодизода то ҷое маҳдуд буда, ҳанӯз равиши асосии ҷустуҷӯҳои илмию адабии ӯ ба таври мушаххас ва густурда мавриди таҳқиқ ва арзёбӣ қарор нагирифтааст. Бо назардошти вазъи таҳқиқи масъалаи мавриди назар, муаллифи диссертатсия кӯшиш намудааст, ки аҳволу осор ва ҷустуҷӯҳои илмию адабии муҳаққиқ ва нависанда Расул Ҳодизодаро ба таври ҷомеъ мавриди таҳқиқ ва арзёбии монографӣ қарор дода ва ба ин васила, саҳми ӯро дар инкишофи илми адабиётшиносӣ ва насри бадеии таърихии тоҷик муайян ва мушаххас созад.

Аҳмадзода Комрон Наҷбуддин соли 2020 факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро бо ихтисоси «Таҳсилоти ибтидоӣ. Забон ва адабиёти тоҷик» хатм карда, аз соли 2020 унвонҷӯи кафедраи назария ва таърихи адабиёт буда, аз соли 2022 то ҳол дар вазифаи муаллими калони кафедраи забон ва адабиёти тоҷики факултети педагогика фаъолият дорад.

Кори диссертатсионии Аҳмадзода Комрон Наҷбуддин аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, 3 боб, 6 фасл, хулоса, тавсияҳо, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти муаллиф иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Дар боби якум **«Аҳвол ва осори Расул Ҳодизода»**, ки ду фасл дорад, асосан, масъалаҳои «Зиндагиномаи Расул Ҳодизода» ва «Осори илмӣ ва бадеӣ-таърихии Расул Ҳодизода»-ро ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Боби дуюми диссертатсия **«Таҳқиқи мушкилоти таърихи адабиёт ва рӯзгору осори адибон»** номгузорӣ шуда, аз ду фасл иборат мебошад. Дар фаслҳои ин боб масъалаҳои муҳимми таърихи адабиёти гузашта ва муосир, таҳқиқ ва арзёбии вижагиҳои мундариҷавӣ ва бадеии осори гузаштагон аз дидгоҳи илмии Расул Ҳодизода мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Боби сеюми диссертатсия, ки **«Нақши Расул Ҳодизода дар ташаккул ва таҳаввули насри таърихии тоҷикӣ»** номгузорӣ шудааст, аз ду фасл иборат мебошад. Дар ин боб тасвири образҳои шахсиятҳои таърихӣ дар

ҳикоя, қисса ва романҳои адиб, инчунин вижагиҳои сабки нигориши Расул Ҳодизода ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд.

Дар хулоса ва пешниҳод, натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Аҳмадзода Комрон Наҷбуддин дар мавзуи «Расул Ҳодизода – муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ: номзади илмҳои филологӣ,
дотсент, мудири кафедраи забон ва адабиёти
тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Боқиев
Ҳамза Олимович

02.01.2026

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Помир, 136
Тел.: (+992) 935382604

Имзои дотсент Ҳ.О. Боқиевро тасдиқ менамоям:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Қодирзода
Сайвалӣ Муҳибулло

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121
Тел.: +992 (37) 224 13 83
E-mail: info@tgpu.tj
Сомона: www.tgpu.tj

02.01.2026